# ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ).

Шамсуллозода Шукрулло, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Директори Пажуҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1981 дар шаҳри Душанбе дар оилаи хизматчӣ таввалуд шудааст. Миллаташ тоҷик мебошад. Оиладор соҳиби 3 фарзанд.

Шамсуллозода Шукрулло соли 2003 Донишкадаи андоз ва ҳуқуқро (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) (рӯзона) хатм намуда аз 2003 – 2013 ба ҳайси муаллим - коромӯзи кафедраи назарияи иқтисодӣ, ассистенти кафедраи иқтисодиёти назариявӣ, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисод ва сипас муаллими калони кафедраи суғуртаи Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон фаъолияти илмиву педагогӣ намудааст. Соли 2009 рисолаи номзадии худро дар мавзуи "Развитие страхового рынка в системе экономической безопасности Республики Таджикистан" дифоъ намудааст.

Солҳои 2013 – 2017 фаъолияти худро ба ҳайси ходими пешбари илмии шӯъбаи иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ ва хизматрасонӣ шуруъ намуда, баъдан мудири шӯъбаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) фаъолияти меҳнатии худро идома додааст. Аз соли 2017 то 2020 ба ҳайси мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, сипас Директори Пажуҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардидааст.

Фаъолияти илмиву таҳқиқотии Шамсуллозода Шукрулло ба яке аз соҳаҳои муҳими иқтисод ва молия – суғурта равон гардида, барои ҳалли мушкилоҳои илмии рушди бозори суғуртаи ҷумҳурӣ саҳми босазои худро гузошта истодааст. Дар соли 2016 барои дастовардҳо дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ ба ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон дар соҳаи илм ва техника сазовор гардидааст. Инчунин соли 2014 барои таҳияи монографияи «Масъалаҳои рушди бозори суғуртави ва нақши он дар амнияти молиявии Тоҷикистон» бо диплом ва ҷоизаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимони чавон дар дар соҳаи илмҳои чамъиятшиносӣ сарфароз гардонида шудааст. Ба доираи натиҷаи фаъолияти илмии Шамсуллозода Шукрулло бисёр дастовардҳои илмиро номбар кардан мумкин аст. Дар ин давра зиёда 36 номгӯи асару мақолаҳои илмӣ ва илмӣ - методӣ аз ҷумла, омода намудани

монографияҳо, тавсияҳои дорои аҳамияти илмӣ дошта, дастраси омма гардонида шудаанд. Мақолаҳои илмиаш дар давлатҳои хориҷӣ (Россия. Белоруссия, Фаронса) ба нашр расонида шудааст. Дар айни замон роҳбарии 5 нафар аспирант ва унвонҷӯёнро ба ӯҳда дорад. Тибқи фармоиши Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 октябри соли 2017 таҳти №44 узви Шӯрои диссертатсионии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ ба ҳисоб мерафт.

Айни замон Шамсуллозода Шукрулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) омода намудааст. Дар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сифати самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи ислоҳоти бахши молия «пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд, ширкатҳои суғуртавӣ, лизингӣ, биржаи коғази қиматнок ва ғайра) аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият, баланд бардоштани талаботи ҳадди ақал нисбати сармоя, пурзӯр намудани талаботи захиравӣ барои таъмини афзоиши суботи молиявии онҳо, ташкили низоми муосири идоракунии хавфҳо» пешбинӣ шудаанд. Дар тадбиқи ин самтҳои бунёдӣ соҳибкории суғуртавӣ яке аз бахшҳои муҳимтарини иқтисодиёти мамлакатҳо ва омили рушди устувории онҳо ба ҳисоб меравад. Зеро ташкили фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ ба суғурташаванда (ташкилотҳо, корхонаҳо, шахсони воқеӣ) барои гирифтани ҷуброни мувофиқ ҳангоми ба амал омадани хавф дар фаъолияти худ кафолат медиҳад, ки ин яке аз шартҳои муҳими рушди соҳибкории мутамаддин дар кишвар маҳсуб мeёбад. Пайваста ба ин соҳибкории суғуртави низ рушд меёбад. Зеро, ширкатҳои суғуртавӣ қодиранд эҳтимолияти сар задани хавфҳоро пешбинӣ ва арзёбӣ намуда, кафолатҳои муайяни молиявиро барои ҷуброни зарари имконпазир пешниҳод кунанд, ки ин яке аз шартҳои рушди соҳибкории бомаром дар кишвар маҳсуб меёбад.

Аз ин лиҳоз аҳамияти таҳқиқи масъалаҳои рушди соҳибкории муосири суғуртавӣ бо назардошти тағйирот дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян карда шудааст. Тамоюлҳои муосири рушди бозори суғурта ба васеъ кардани соҳибкории суғуртавӣ, муттаҳидсозии суғуртакунандагон, азнавсуғуртакунандагон, брокерҳои суғуртавӣ алоқаманданд. Тағйиротҳои асосие, ки имрӯз аз ҷониби бозори суғурта мавриди бозбинӣ қарор гирифтаанд, бояд чунин бошанд: таҳкими фаъолияти назорраси ширкатҳои суғуртавӣ, баланд шудани сатҳи технологии онҳо ва афзоиши эътимоднокӣ; рушди инфрасохтори бозор дар асоси муқаррарсозии қонунгузорӣ вобаста ба принсипҳои ташкилӣ ва низоми муносиби андозбандӣ, таъмини робитаи байни намудҳои

ҳатмӣ ва ихтиёрии суғурта, дигаргунсозии додани самти танзим ва назорати давлатӣ. Дар басти вазифаҳои аввалиндараҷае, ки ҳалли худро талаб мекунанд, вазифаҳои таҳқиқи тамоюли табдилёбӣ ё ташаккулёбии суғурта, ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ дар заминаи тағйирёбии парадигмаҳои иқтисодӣ, ки дар ҷумҳурӣ рӯи майдон омадаанд, нақши мустақим ё ғайримустақими давлат дар рушди муносибатҳои суғуртавӣ, асосноккунӣ ва интихоби технологияҳои самарабахши менеҷмент ва маркетинг дар фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ қарор доранд. Вобаста ба ин, аҳамияти мавзуи таҳқиқот барои зарурати баррасии дараҷаи илмии замони муосир ва вазифаҳои дар боло зикршуда, инчунин моҳияти иқтисодии суғурта, ки дар заминаи соҳибкорӣ татбиқ карда мешавад, асоснок кардани чораҳо оид ба институтсионалӣ кардани суғуртаи минбаъда дар Тоҷикистон, истифодаи ҷанбаҳои иқтисодӣ – ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти субъектҳои соҳибкории суғуртавӣ муайян шудааст.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи омилҳо ва тамоюлҳои муосири рушди соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта, дар шароити гузариши Тоҷикистон ба марҳилаи бозори рушдкунанда, ки яке аз параметрҳои он, рушди бозори хизматрасониҳои молиявӣ мебошад, иборат мебошад. Барои ноил шудан ба он, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин, аз он ҷумла таҳқиқи моҳият ва хусусиятҳои соҳибкорӣ дар бахши суғуртавии иқтисодӣ, арзёбии раванди ташаккули заминаи институтсионалии рушди соҳибкории суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ, таҳлили вазъи рушди бозори суғурта ва заминаи молиявии рушди соҳибкорӣ дар бахши суғуртавии ҷумҳурӣ, асоснок кардани самтҳои асосии такмили механизми танзими давлатии фаъолияти сармоягузории соҳибкории суғуртааӣ, ҳамчунин таҳия ва пешниҳод оид ба такмили механизмҳои мусоидати давлатӣ барои ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти суғуртавӣ ва дастурҳои методӣ оид ба такмили фишангҳои назорати давлатии фаъолияти суғуртавӣ ва ғ. мебошад. Навгониҳои илмии диссертатсия аз гузаронидани таҳқиқоти маҷмӯии заминаҳо ва омилҳои рушди соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта, инчунин асосноккунии назариявӣ ва амалии самтҳои асосии такмили механизмҳои рушди соҳибкории суғуртавӣ дар шароити гузариши ҷумҳурӣ ба марҳилаи бозори рушдкунанда, иборат мебошанд.

Аҳамияти назариявии кори диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки аз ҷониби муаллиф муносибат ба суғурта ҳамчун ба объекти фаъолияти соҳибкорие пешниҳод шудааст, ки аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардидааст, ки ҷузъи таркибии низоми миллии иҷтимоию иқтисодӣ буда, дар ҷумҳурӣ назарияи соҳибкории суғуртавиро ташаккул медиҳад. Аҳамияти амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки муқаррарот ва бобҳои мушаххаси диссертатсияро ҳамчун муносибатҳои методологӣ ба ташкили фаъолияти самарабахши соҳибкорӣ ва фаъолияти менеҷментҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ҳангоми ташкил ё таҷдиди сохтории корҳои ташкилӣ ва молиявии ширкат, ҷиҳати таҳияи низом ва

чораҳо оид ба таъмини суботи молиявӣ, фаъол гардонидани фаъолияти сармоягузории субъектҳои бахши суғуртавии иқтисоди кишвар истифода бурдан мумкин аст. Як қатор пешниҳодҳои амалии муаллифро сатҳҳои гуногуни мақомоти ҳокимият метавонанд зимни таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба рушди фаъолияти суғуртавӣ, ташкили дастгирии соҳибкорӣ мусоидат мекунанд, мавриди истифода қарор диҳанд. Эътимотнокии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки унвонҷуй мустақилияти худро дар интихоби мавзу, таҳияи сохтори он, ҳадафу вазифаҳои татқиқот ва метологияи таҳқиқ он нишон додааст. Интихоби методолгияву методҳои таҳқиқ имконият додааст, ки муаллиф натиҷаҳои баланди илмиро дар соҳаи соҳибкории суғуртавӣ ба даст орад. Натиҷаи муносибатҳо ва тавсияҳои таҳияшудаи илмӣ – методиро оид ба такмили механизмҳои рушди соҳибкории суғуртавӣ ва рушди низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ дар кишвар, дар фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон, доираи васеи ширкатҳои ватании суғуртавӣ, инчунин дар раванди таълим дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудааст. Муқаррароти асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар бисёр конфронсҳои илмӣ ва амалии соҳавии ватанӣ ва байналмилалӣ баррасӣ ва хулосабарорӣ карда шуданд.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, 4 боби матни асосӣ, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима иборат аст. Мазмуни асосии кор 57 ҷадвал ва 23 расмро бо иттилооти оморӣ ва муқоисавӣ дар бар мегирад. Кори диссертатсиониро метавон ҳамчун кори илмии ба итмом расида арзёбӣ намуд, зеро муаммоҳои илмии дар он гузошта шуда, ҳалли худро ёфтаанд. Ҳамин тариқ, кори диссертасионии Шамсуллозода Шукрулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ омода шудааст, метавон ба Шӯрои диссертатсионии мувофиқ ба ихтисос пешниҳод намуд.

**Мушовири илмӣ**
**Муовини директор оид ба илм ва таълими**
**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**АМИТ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Мирсаидов А.Б.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

12.09.2022